Ба шӯрои диссертатсионии
6D.KOA-030 - назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Душанбе,хиёбони Рӯдакӣ 17)

**Тақриз**

**ба автореферати Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ” (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 - масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ**

Унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ мавқеи хоссаи худро соҳиб буда, тавассути он масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз қабили таъмини баробарҳуқуқии мардону занон, рушди демократия, бартараф намудани мушкилиҳои иҷтимоии вобаста ба мавқеъ ва баробарии ҷинсҳо ҳалли ниҳоии худро ёфта метавонанд.

Ин масъала дар ҳар як кишвар хусусиятҳои хоси худро дошта, муносибати инфиродиро дар таҳлили масъала тақозо менамояд. Вобаста ба ин мавзӯи интихобнамудаи Раҳмонзода Г.Р., ки мақсади таҳлилу омӯзиш масъалаи мазкурро дар фазои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дорад, муҳимму саривақтӣ мебошад.

Арзиши илмии мавзӯи таҳқиқшаванда дар он аст, ки он доираи на як кишвар, балки панҷ кишвари Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро дар бар гирифта, мавзӯи мазкурро бо назардошти хусусияту умумияти миллию этникӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин кишварҳо мавриди баррасӣ қарор додааст. Равиши илмие, ки муаллиф дар рисолаи худ амалӣ намудааст, хусусияти универсалӣ дошта, баҳри ҳаматарафа ва дақиқ кушодани моҳияти мавзӯъ мувофик мебошад.

Ҷанбаи дигаре, ки аҳамияти илмию амалии рисолаи мазкурро баланд мебардорад, ин мақсадгузории муаллиф ҷиҳати истифодаи унсури гендерӣ дар сиёсати давлатӣ мебошад. “Унсури гендерӣ хусусияти

фарогир ва ҳамагонии сиёсатро ташаккул дода, имконият медиҳад, ки ҳама гуна маҳдудиятҳои ҷинсӣ бартараф карда шаванд” (С.3).

Ин масъала ҷиҳати такмил ва пешрафти сиёсат дар кишвари мо ҳам аҳамияти хос дорад. Қайд намудан лозим аст, ки мавҷудияти заминаи устувори меъёрии ҳуқуқӣ дар самти дастгирии ташаббусҳои занон ва мустаҳкам намудани мавқеи он дар ҷомеа нишонаи он аст, ки дар ҳақиқат ҳам иродаи сиёсии роҳбарияти давлати мо, бахусус Президенти кишвар, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии занон воқеан ҳам хусусияти устувор дорад.

Раванди рушди демократикунонии ҷомеа бечунучаро тақозо менамояд, ки чи дар идоракунӣ ва чи дар масъалаҳои дигар набояд ҷинсият асос барои маҳдудияти фаъолияти шахсиятҳо гардад, вале новобаста ба ин, таъсири баъзан суннатҳои хусусияти табъизидошта дар аксар мавридҳо боиси бунёди монеаҳои сунъӣ дар самти фаъолнокии занон мегарданд. Тасаввуроти қолабӣ, ки ба фаъолияти ҷамъиятии занон нигоҳи мусбӣ надоранд, мутаассифона, то ба имрӯз ба раванди фаъолнокии занон таъсири бевоситаи худро расонида метавонанд. Маҳз аз ҳамин сабаб, ташаккули механизмҳои устувори ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба онҳо метавонанд, то ҳадди муайян баҳри бартараф намудани ин монеаҳо нақш дошта бошанд.

Яке аз муваффақиятҳои муаллиф дар таҳлили масъала дар он аст, ки дар доираи вазифаҳои гузошташуда, тавонистааст ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию иқтисодии дорои хусусияти гендериро дар ҳуҷҷатҳои стратегии кишварҳои зикргардида мавриди таҳлили қиёсӣ қарор диҳад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин самт аз байн бурдани ақидаҳо оид ба касбҳои занона ва мардона мебошад, ки муаллиф онро ба мавҷудияти қолабҳои гендерӣ хос дониста, роҳҳои бартараф намудани мушкилии мазкурро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмӯъ, Раҳмонзода Г.Р. тавонистааст дар таҳқиқи масъалаи мушкили нақши унсури гендерӣ дар сиёсати давлатии кишвар муваффақ

шавад. Ба муаллиф тавсия медодем, ки мавзӯи мазкурро дар оянда низ мавриди омӯзиш қарор диҳанд, зеро вобаста ба воқеияти замон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ дар ин самт ба вуқуъ пайваста истодаанд. Пайгирии онҳо баҳри ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ метавонад мусоидат намояд. Ин бошад аҳамияти амалии мавзӯи мазкурро баланд мебардорад.

Мақолаҳои чопнамудаи Раҳмонзода Г.Р. доир ба мавзӯи диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки ӯ муддати дароз аст, ки ба омӯзиши он машғул буда, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳоднамудаи худро аллакай ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод намудааст.

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ" (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, дорои аҳамияти калони илмию амалӣ мебошад. Он ба талаботҳои ба диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳодшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири кафедраи фанҳои
гуманитарии ДДТТ., н.и.с., дотсент Неъмонов Ҷ.М.
734055 ш.Душанбе, куч.Деҳотӣ ½,
тел.: (+992372)34-83-46. Email: falsafa-64@mail.ru

Имзои Неъмонов Ҷ.М-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С